Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044
назди Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734033, ш.Душанбе, к.Саид Носир 33

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи “Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 -Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст**
**(илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тадқиқоти диссертатсионии Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзуи “Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ, ки ба илмҳои ҳуқуқшиносӣ мансуб буда, аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2022, №128/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзӯи диссертатсия.** Бо касби истиқлолияти давлатӣ барои Тоҷикистон соҳаҳои зиёди ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ падид омаданд, ки ба идораву танзим эҳтиёҷ доштанд. Дар заминаи ташаккули иқтисодиёти бозорӣ, ки асоси устувори конститутсионӣ дорад, соҳаву самтҳои нави идораи давлатӣ зухур ёфтанд. Дар марҳилаи муосир, ки давлатҳо таҳти таъсири хатару ситезаҳои зиёд қарор доранд, ташкили дуруст ва муносиби идораи умум василаи муҳими таъмини рушди босуботи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ эътироф мешавад. Яке аз чунин соҳаҳо гумрук маҳсуб меёбад, ки бо фаъолияти савдои хориҷӣ рабт дошта, воситаи муҳими таъмини самаранокии рушди иқтисодиёти кишвар баромад мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба заминаи ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ мунтазам таҳким бахшида, қонунгузории миллии худро ташаккул дод, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии идораи соҳаро такмил дода, таҷрибаи маъмурии муайян дар ин соҳа андӯхт намуд. Маҷмӯи тадбирҳои таҳияшуда ба таъсиси низоми идораи соҳаи гумрук мусоидат намуданд, ки дар таҳия, пешбурд ва амалишавии сиёсати давлатӣ ҳиссагузор мебошад.

Дар шароити муосир дар назария ва амалияи фаъолияти гумрукӣ масъалаҳое падид омаданд, ки дар партави даъвати олимону

коршиносон ҷиҳати тағйири фаҳмиши идора беистисно муҳим арзёбӣ мегарданд. Аз ҷумла, фаъолияти гумрукӣ дар аксар маврид танҳо бо ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ алоқаманд дониста шуда, афзоиши ҳиссаи ин пардохтҳо дар қисми даромади буҷети давлатӣ ҳамчун дастоварди мақомоти гумрук маънидод мегардад. Вале то кадом андоза чунин биниш ба қонунгузории соҳавӣ мувофиқат менамояд? Илова бар он, хусусияти қабули санадҳоро дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ бояд дар назар дошт, зеро умед аз татбиқи онҳо самараи иқтисодӣ аст. Аз ин рӯ, такмили шаклу усулҳо, истифодаи оқилонаи онҳо, малакаи банақшагирӣ ва идора дар асоси қарорҳои қабулшуда, дурнамо ва таҳлили оқибатҳои онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва ғ. самтҳои муҳими фаъолияти гумрукӣ баромад мекунанд.

Арзандаи таҳсин аст, ки дар диссертатсияи тақризшаванда ба ин масъалаҳои рӯзмара дар соҳаи гумрук ва фаъолияти гумрукӣ, ки барои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ муҳиму мубрам ба шумор меравconfigured, таваҷҷӯҳ дода шуда, дар заминаи таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи идорӣ хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ баён шудаанд.

Диссертатсияи Соибов З.М. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзӯъ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи илмии он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, максаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳккиқот, марҳила, макон ва давраи он, асосҳои назариявӣ, методологии ва амалии таҳқиқот муайян карда шуда, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия “**Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ”** ба фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ, фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ, функсияҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ таваҷҷӯҳ дода мешавад. Дар ин боб заминаҳои таърихии ташаккули фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор ёфта, таносуби мафҳумҳои “сиёсати гумрукӣ”, “танзими гумрукӣ” ва “фаъолияти гумрукӣ” таҳлил мегарданд. Муаллиф дар заминаи ҷамъбасти андешаҳои мухталифи илмӣ ба хулосаи асоснок меояд, ки “...дар муносибат ба фаъолияти гумрукӣ ва танзими гумрукӣ мафҳуми сиёсати гумрукӣ фарохтар аст” (саҳ. 66).

Ба махсусияти идораи соҳа аҳамият дода, муаллиф нисбати мавҷудияти ду намуд ҳадафҳо ибрози андеша мекунад: ҳадафҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ва ҳадафҳои фаъолияти гумрукӣ (саҳ.88). Чунин тафриқаи ҳадафҳо барои рушди илми идораи давлатӣ ва назарияи фаъолияти гумрукӣ ояндабахш ба назар менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия **“Шакл ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ”** ниҳодҳои анъанавии маъмурӣ-ҳуқуқӣ – шаклҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар фаъолияти гумрукӣ ва усулҳои идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ пай дар пай баррасӣ шудаанд. Дар ин қисмати рисола дар такя ба таҳлили афкори олимону мутахассисон муаллиф ба ошкорсозии табиат ва хусусиятҳои хоси шаклу усулҳои идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ кӯшиш намудааст. Аз ҷумла, асоснок ишора мешавад, ки шакли ин фаъолият дар аксар маврид хислати мурофиавӣ касб мекунад (саҳ.121). Воқеан ҳам, фаъолияти гумрукӣ, бешак, ифодаи мушаххаси мурофиаи маъмурӣ арзёбӣ мегардад ва дарёфти чунин хусусиятҳо, ки муаллиф иқдом намудааст, бахри мураттаб гардонидани минбаъдаи он мусоидат хоҳад кард. Арзандаи таҳсин аст, ки дар диссертатсия ба нақш ва аҳаммияти шартномаҳои маъмурӣ дар раванди идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ таваҷҷӯҳ дода шуда, муаллиф онҳоро ҳамчун воситаи муҳимтарини амалӣ шудани ваколатҳо ва функсияҳои мақомоти давлатии дахлдор баррасӣ менамояд ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати густариши истифодаашон манзур месозад. Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-техникӣ дар фаъолияти гумрукӣ, ба андешаи мо, қисмати бештар ҷолиби боби мазкур баромад мекунад. Муаллиф дар маҷмӯъ нуҳ самараро аз ҷорӣ кардани ин воситаҳо дарёфт карда (саҳ.156 - 157), бамаврид таъкид менамояд, ки истифодаи воситаҳои нав ба нави иттилоотӣ-техникӣ фаъолияти гумрукиро боз ҳам устувор, мукаммал ва самараноктар мегардонад.

Дар боби сеюми диссертатсия **“Мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** доираи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ баррасӣ шуда, ҷойи мақомоти гумрук дар низоми он равшан мегардад. Боби мазкур аз таҳлили таносуби ҳомилони идораи давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия, ҳайати субъектии ин мафҳумҳо ибтидо гирифта, дар натиҷаи ҷамъбасти андешаҳои илмӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки “мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ ҷузъи таркибии мақомоти идоракунии давлатиро ташкил медиҳанд, идоракунии давлатиро дар соҳаи муайян, яъне фаъолияти гумрукӣ амалӣ месозанд” (саҳ.205). Бо назардошти муқаррароти қонунгузорӣ ва мазмуни фаъолияти гумрукӣ муаллиф як зумра хусусиятҳои мақомоти идораи давлатии соҳаи мазкурро муайян менамояд, ки барои рушди минбаъдаи консепсияи ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ояндабахш мебошад. Андешаҳои муаллиф ҷиҳати тафриқаи мафҳумҳои “низоми гумрукӣ” ва “низоми мақомоти гумрукӣ” , низ ҷолиби диққат буда (саҳ.255), инобати онҳо дар такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқии соҳа муфид мебошад. Ҳамчунин, арзандаи таҳсин аст, ки муаллиф зимни тавсифи вазъи ҳуқуқии мақоми ваколатдори соҳаи гумрук ба номувофиқатии истилоҳот дар матни санадҳои қонунгузорӣ ва дигари меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ диққат дода,

чиҳати ислоҳи онҳо ибрози назар менамояд, ки баҳри стандартикунонии истилоҳоти ҳуқуқӣ муҳиму рӯзмара арзёбӣ мешавад (масалан, сохтор - система, низом –режим ва ғ.).

Дар боби чоруми диссертатсия **“Қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ”** мазмун, омилҳо, кафолатҳо ва воситаҳои таъмини қонуният дар идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо эҳтимоли зиёд, бо назардошти аҳаммияти худ масъалаи мазкур ҳаҷми бештари диссертатсияро ташкил додааст (саҳ.265 то 372, яъне беш аз 100 саҳифа). Зимни дахли масъала муаллиф бамаврид таъкид менамояд, ки дар шароити ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд рисолати қонун дар сурате амалӣ мешавад, ки муқаррароти он дар фаъолияти тамоми иштирокчиёни муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ ба роҳбарӣ гирифта шаванд ва ин раванд худ ифодаи қонуният мебошад. Дар диссертатсия омилҳои таъмини қонуният дар идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ номбар ва таҳлил шудаанд (саҳ.286 то 290), ки метавонанд ба рушди назарияи идора, такмили танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва самарабахшии идораи соҳа мусоидат намоянд.

Умуман, боби мазкур “саршори” пешниҳоди муаллиф ҷиҳати такмили идораи соҳа мебошад, ки аксари онҳо арзандаи таъкид мебошанд:

таъсиси гурӯҳи дохилиидоравии доимоамалкунанда оид ба таҳлили вазъи қонунгузории соҳавӣ дар мақомоти гумруки кишвар, баҳри анҷоми фаъолияти арзёбию таҳлилӣ (саҳ.290);

-дар сатҳи Кодекси гумрук муқаррар намудаи қонуният ҳамчун принсипи фаъолият (саҳ.292);

-таъсис додани ниҳоди алоҳида дар мақомоти гумрук барои гузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ (саҳ.294);

-бинобар такроршавии меъёрҳои ҳуқуқӣ бекор намудани Кодекси одоби касбӣ ва рафтори хизматии шахсони мансабдори мақомоти гумрук (саҳ.302);

-баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти гумрук ҳамчун василаи пешгирии омилҳои коррупсионӣ (саҳ.311);

-таъсиси воҳиди сохтории алоҳида дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар таркиби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти маҷмуи мақомоти идораи соҳаро ба ӯҳда мегирад (саҳ.338).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Барои ҳуқуқи маъмурии миллӣ таҳияи диссертатсия мазкур, ки бо забони давлатӣ иншо ва пешниҳод шудааст, падидаи ҷолиб арзёбӣ мегардад, зеро ин зайл иқдомҳо ба ташаккули забони давлатии илмӣ мусоидат мекунанд. Рисолаи мазкур нахустин тадқиқоти илмии соҳавӣ мебошад, ки дар он таҳлили комплексии масъалаҳои идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол кӯшиш мешавад.

Дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳое мавриди барасӣ ва таҳлил қарор гирифтанд, ки таҷассумкунандаи сатҳи навгонӣ маҳсуб меёбанд:

-таҳлили асосҳои назаривяй-ҳуқуқии идораи давлатии соҳаи гумрук;

-ошкор сохтани моҳияти фаъолияти гумрукӣ ҳамчун объекти идораи давлатӣ;

-таҳлили функсияҳои идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ;

- баррасии шаклу усулҳои идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ;

-таҳлили нақши қонуният ва фишанги (механизми) таъмини он дар идораи давлатии соҳаи гумрук.

Дар таҳқиқот ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули соҳа, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, як идда омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии таъсирбахш ба ташкили фаъолияти гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дар умқи худ аҳамияти муҳими назариявӣ доранд. Ба диссертатсия ҳамчун эҷоди илмии ҷолиби диққат баҳо додан мумкин аст, ки дар он ҳалли проблемаҳои муҳим ва то ҳол ба таври матлуб таҳқиқ нашудаи яке аз соҳаҳои идораи давлатӣ иқдом мегардад, хулосаҳои назариявии барои рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идораи давлатӣ муҳим мавҷуд буда, басти пешниҳодҳои асоснок ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории соҳаи гумрук ва таҷҳизи маъмурикунонии гумрук манзур шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Тадқиқоти анҷомёфта ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи пажӯҳиши муҷтамаъи назариявӣ ва амалии масъалаҳои идораи давлатии фаъолияти гумруки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад. Эътимоднокии хулосаву тавсияҳои диссертатсия бо такя ба андешаҳои олимон, хулосаҳои дар илм маъмул ва пазируфташуда тавсиф ёфтани ниҳодҳо ва падидаву мафҳумҳо, омӯзиши сарчашмаҳои илмии соҳавӣ, истифодаи эҷодкорона аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, инчунин таҳлили васеи қонунгузории миллӣ, санадҳои сиёсии муайякунандаи рушди соҳаи гумрук, амалияи ватанӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти гумрукӣ ва умуман дурнамои соҳа муайян мегардад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионии тақризшаванда ба аҳаммияти муҳимми илмию амалӣ молик аст. Натиҷаҳои он дар раванди таҳлил ва таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои гуногуни илмҳои ҳуқуқи умумӣ (маъмурӣ, гумрук, ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ва ғ.) истифода шуда метавонанд. Масъалаҳое, ки муаллиф мавриди баррасӣ қарор дода, зимни онҳо андешаҳо, хулосаву пешниҳодҳои худро манзур менамояд, бешакк, ба такмили қонунгузории соҳаи гумрук, таҷдиди сохтори идораи давлатии соҳаи гумрук ва таҷҳизи

шаклу усулҳои идораи фаъолияти гумрукӣ, инчунин рушди ҳуқуқи маъмурии ватанӣ мусоидат хоҳанд кард.

Маводи диссертатсионӣ бинобар хислати комплексӣ метавонад барои доираи васеи пажӯишгарон ва мутахассисони соҳа ҳамчун сарчашмаи боэътимоди илмӣ хизмат намояд. Масъалаҳои алоҳидаи таҳқиқот зимни тадриси фанҳои таълимии "Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуқи мурофиаи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ҳуқуқи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ", "Асосҳои фаъолияти гумрукӣ" ва курсҳои махсуси таълимӣ истифода шуда метавонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 56 интишороти илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 3 монография ва 53 мақолаҳои илмӣ буда, 23 адади он шомили маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва корҳои илмие, ки дар мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ руйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо Қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона таҳия шуда, дорои мазмуни том ва мантиқи дохилии ягона мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияхои илмӣ ва илмӣ-амалӣ аз саҳми шахсии муаллиф гувоҳӣ медиҳанд. Инчунин услуби иншо, тарзи масъалагузорӣ ва усули тақиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасдиқ менамоянд.

**Эродҳо ва масъалаҳои баҳсноку шарҳталаби таҳқиқот.** Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбӣ диссертатсия мисли дилхоҳ тадқиқоти мустақими илмӣ яккатор хулосаҳои баҳснок ва начандон асоснок дорад, ки зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1.Эроди аввали мо ба хулосаи якум дахл дорад, ки ҳамчун навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Дар ин нуқта муаллиф ба идора ҳамчун таъсиррасонӣ баҳо дода, хусусиятҳои идораи давлатиро номбар мекунад. Ин тасвиби муаллифро навгонӣ ҳисобидан нашояд, зеро тавсифи мазкур фаҳмиши маъмул буда, дар назарияи идора васеъ паҳн шудааст. Муаллиф мебоист ба як талқин маҳдуд нашуда, ба соири андешаҳои академӣ атрофи масъала таваҷҷӯҳ

медод, зеро тағйироти кул дар шароитҳои моддии ҳаёти ҷомеа ва вазъи ҳуқуқии объектҳои ниҳоии идора боиси таҳаввулоти амиқ дар фаъолияти ташкилкунандагии давлат гардид. Инобати ин омилҳо баҳри дарёфти фаҳмиши (парадигмаи) нави идораи давлатии ҷавобгӯ ба вазифаҳои марҳилаи муосири рушд муҳим арзёбӣ мешаванд.

2.Дар хулосаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф дар партави мақсаду вазифаҳои идораи давлатии соҳаи гумрук ба сифати функсияҳои махсуси идораи давлатии фаъолияти гумрукӣ функсияи фискалӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро ҷудо карда, таъкид менамояд, ки ин функсияҳо ба “табиати идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ алоқаманд” мебошанд. Вале дар масири ислоҳоти маъмурӣ сарфи назар намудани аҳамияти рӯзафзуни боз як функсияи мақомоти гумрук - хизматрасонӣ ҳайратовар мебошад ва ба тасҳеҳи муаллиф эҳтиёҷ дорад.

3.Дар хулосаи панҷум муаллиф шаклҳои идораи давлатиро ба ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ тафриқа намуда, ҳамзамон, дар саҳ.143-и диссертатсия ба ҷойи истилоҳи “ғайриҳуқуқӣ” истифодаи истилоҳи “ташкилӣ”-ро ба мақсад мувофиқ меҳисобад. Дар ин маврид мавқеи ниҳоии муаллиф дар шарҳи намуди муайяни шаклҳои идораи давлатӣ номуайян мемонад ва тавзеҳро металабад.

4.Дар мавридҳои зиёд муаллиф аз тавсифи мавзӯи асосӣ берун баромада, ба таҳлили масъалаҳои бавосита дахлдошта даст мезанад ва бо ин иқдом худро гирифтори “доми илмӣ” мегардонад. Масалан, дар саҳ.53 диссертатсия таъкид мешавад, ки “айни замон дар ҶТ як қатор мақомоти давлатие мавҷуданд, ки ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, дар раванди идоракунии давлатӣ ба таври фаъол ширкат меварзанд”. Бо чунин нуқтаи назар мо қатъиян розӣ шуда наметавонем ва онро хилофи муқаррароти Конститутсияи мамлакат меҳисобем.

Моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти се шохаи ҳокимияти давлатиро муқаррар намудааст. Дар ҷумҳурӣ ҳеҷ кадом сохтори дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ берун аз низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ фаъолият бурда наметавонад. Нигоҳи бархе аз олимони соҳаи ҳуқуқ ва мутахассисони амалӣ, ки мавҷудияти сохторҳои алоҳидаро берун аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ роиҷ медонанд, на танҳо беасос аст, балки ба принсипи конститутсионии таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба се шоха мухолифат дорад. Аз ин рӯ, оқилона ва дуруст мебуд иқтидори зеҳнии мактаби ҳуқуқию давлатшиносии кишвар ба таҳия ва роҳандозии консепсияҳое равона гардад, ки мазмуни муқаррароти конститутсиониро оид ба таҷзияи ҳокимият ба тавр матлуб ифода менамояд.

5.Муаллиф ҷиҳати зарурати “таҳияи ҳуҷҷати стратегии мушаххас вобаста ба муайяннамоии дурнамои рушди фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” андеша баён менамояд (саҳ.96). Ба фикри мо, арзиши илмии тадқиқоти анҷомдодашуда дучанд меафзуд, агар муалллиф лоиҳаи ҳамин зайл консепсияро таҳия ва пешниҳод мекард.

Ҳол он ки дар матни диссертатсия борҳо ба таҷрибаи кишварҳои хориҷ, масалан, дар ҷодаи таъсиси низоми “Гумруки электронӣ”, ишораҳо менамояд ( саҳ.153, 158 ва ғ.).

6.Зимни кӯшиши дарёфти ҳомилони идораи давлатӣ ва ҳокимияти иҷроия зикр мегардад, ки “мафҳуми мақомоти идоракунии давлатӣ нисбат ба мақомоти идоракунии давлатӣ васеътар” мебошад (саҳ.204-205 диссертатсия). Чунин баён нишонаҳои тавтологияро зоҳир менамояд ва аз он мавқеи ниҳоии муаллиф дар тафриқаи ин категорияҳои илмии баррасишаванда ва ҷойи мақомоти гумрук дар он чандон равшан нест.

7.Муаллиф доираи мақомоти давлатиро, ки ба фаъолияти гумрукӣ алоқамандӣ доранд, номбар карда, Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зикр намекунад. Дар диссертатсия умуман ёдрас нашудани мақоми мазкур ҳайратовар мебошад, зеро дар Низомномаи он, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 августи соли 2018, №396 тасдиқ шудааст, ба ҳайси вазифаҳо иштирок дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба кам намудани монеаҳои маъмурию техникӣ ҳангоми содирот ва транзити молу маҳсулот, дуруст муайян намудани арзиши *гумрукии* мол, назорати сифат ва бехатарӣ, инчунин бартараф намудани дигар мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти савдо ва хизматрасониҳо, инчунин пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати ташкил ва таҷдид намудани сомонаи субъектҳои ҳоҷагидорӣ ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла дар захираҳои иттилоотии корхонаи воҳиди давлатии "Равзанаи ягона"-и назди *Хадамоти гумрук* пешбинӣ шудаанд.

8.Дар саҳ.347 диссертатсия муаллиф нақши контроли судиро дар фаъолияти гумрукӣ тавсиф дода, таъкид менамояд, ки он аз ҷониби судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои салоҳияти махсусдошта амалӣ мешавад, ки ҷойи баҳс нест. Вале аз ҷумлаи судҳои салоҳияти махсус танҳо Суди конститутсионӣ ёдрас мегардад. Биноан, дар таҷрибаи фаъолияти гумрукӣ баррасии баҳсҳои тобиши баръалои маъмурӣ- ҳуқуқӣ дошта аз ҷониби Судҳои иқтисодӣ зиёд ба назар мерасад, ки анъанавӣ ба судҳои салоҳияти махсус шомил дониста мешаванд. Нофаҳмо мемонад, ки чаро муаллиф нақши онҳоро дар соҳа сарфи назар намудааст.

9.Эроди ниҳоӣ ба истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ дахл дорад, ки бояд саравввал дар номи диссертатсия риоя мешуд. Боиси таассуф аст, ки дар сурати дар меъёри конститутсионӣ зикр шудани ибораи “идораи давлатӣ” соири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва олимони соҳавӣ ба таври фаровон аз ибораи “идоракунии давлатӣ” истифода мебаранд. Стандартикунонии истилоҳоти ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ бояд аз арҷгузорӣ ба меъёрҳои конститутсионӣ оғоз ёбад. Танҳо дар ин замина маърифати конститутсионӣ ва садоқат ба Конститутсия ҳамчун Қонуни асосии мамлакат ташаккул меёбад.

Мулоҳизаҳое, ки аз ҷониби мо қайд гардиданд, баҳои умумии мусбии тадқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳанд, танҳо баъзе тавзеҳоти муаллифро зимни ҳимоя талаб доранд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ:**

Новобаста ба эродҳои зикршуда ва мавҷудияти ҷанбаҳои баҳснок мазмуни диссертатсияи Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович дар мавзӯи “Идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқии маъмурӣ” ба талаботи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ мувофиқ аст.

Диссертатсияи Соибов З.М. таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона таълифшуда мебошад, ки натиҷаҳои он арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалӣ доранд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи бандҳои 32 - 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он - Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович арзандаи ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 - Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:

профессори кафедраи
ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раззоқов Б.Ҳ.

Имзои Б.Ҳ. Раззоқовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, тел.: (+992 37) 2348546, e-mail: mail@ddtt.tj

«18» 04 соли 2023